# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи «Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Аҳамияти таҳқиқот дар он аст, ки меъёрҳо, сатҳҳо, тавсифҳои рафтор, ангезишҳои ташаккули он, ки ошкор гардида, норасоии воситаҳои педагогии дигар ва захираҳоро дар ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик пурра мекунанд. Маводи диссертатсия дар хондани курси педагогикаи мактабӣ, этнопедагогика дар донишгоҳҳои педагогӣ ва дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф метавонанд истифода шаванд.

Таҳқиқоти мазкур амсилаҳои ангезишҳои ташаккули рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсолро дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик тарҳрезӣ намудааст. Аз ҷумла, ангезишҳое, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон таъсир мерасонанд, ангезишҳое, ки ба ташаккули рафтори таҳаммулпазири хонандагон ёрӣ мерасонанд, ангезишҳое, ки шаклгирии қоидаҳои одоби рафторро таъйин мекунанд. Ғайр аз ин, низоми амалкарди технологияҳои гуногун коркард шудааст, ки ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик таъсир доранд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 28.04.2023, №10).

Дар хулосаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ-касбӣ ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия интихоби усулҳои инноватсионии таълим бо назардошти қобилият, шавқу ҳавасмандии хонандагон имкон медиҳад,

ки робитаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмуну муҳтаво, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян ва муқаррар карда шавад.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот матлабҳои илмӣ, хулосаву тавсияҳо бо омӯзиши ҳаматарафаи масъалаи гузошташуда; амалисозии пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, ҷанбаҳои ибтидоии он, истифодаи методҳои ба ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот мувофиқ; бо санҷидани натиҷаҳо, ҷорӣ намудани онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ; тасдиқи таҷрибавӣ-озмоишии дурустии хулосаҳои бароварда; пойгоҳи кофии сарчашмаҳо таъмин мегардад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи «Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновнаро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи «Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

- **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

- **Латифзода Диловар Назришоҳ** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов;

- **Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷоновна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Юнусова Н.М.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Туронов С.Ш.

номзади илмҳои педагогӣ — Рамазонова Р.С.

28.06.2023

*Имзои Юнусова Н.М.,Туронов С.Ш., Рамазонова Р.С.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.С.